БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

# ИҶОЗАТНОМА

**БАРОИ АНҶОМДИҲИИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ**

**БА ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ КУШОДАИ “АЛИФ БОНК”**

санаи “03” 01 соли 2020 дода шуд

Раис Ҷ. Нурмаҳмадзода

ДУШАНБЕ

БМТ №0000114

**БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

# ИҶОЗАТНОМА

АМАЛИЁТИ БОНКӢ

**Дорандаи иҷозатнома Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Алиф Бонк" ҳуқуқ дорад амалиёти зерини бонкиро бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ анҷом диҳад:**

-ҷалби амонат ва пасандозҳо;

-додани қарзҳо (таъминшуда ва таъминнашуда), аз ҷумла:

а) қарзҳои истеъмолӣ, ипотекӣ ва байнибонкӣ;

б) факторинг;

в) форфейтинг;

-кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ;

-хариду фурӯши воситаҳои зерин барои худ ё муштариён:

а) воситаҳои бозории пулӣ (аз ҷумла: чекҳо, векселҳо, ӯҳдадориномаҳо ва тасдиқномаҳои пасандозӣ);

б) асъори хориҷӣ;

в) саҳмияҳо ва дигар коғазҳои қиматноки интиқолшаванда;

г) қарордодҳои форвардӣ, созишномаи своп, фючерс, опсион ва дигар ҳосилаҳое, ки ба асъор, саҳмияҳо, вомбаргҳо, металлу сангҳои қиматбаҳо ё қурбу меъёрҳои фоизӣ дахл доранд;

-додани кафолат, баҳисобгирии ӯҳдадориҳои шартӣ, аз ҷумла кафолатҳо ва эътиборномаҳо (аккредитивҳо) барои худ ва муштариён;

-ҳисоббаробаркунӣ ва интиқоли маблағҳо, аз ҷумла интиқоли маблағҳои электронӣ, барориш ва ё хизматрасонии воситаҳои пардохт, ба истиснои интиқолҳои почтавӣ;

-миёнаравӣ дар бозори пулӣ;

-амалиёти сейфӣ, нигаҳдорӣ ва идоракунии дороиҳо (пул, коғазҳои қиматнок, металлҳо, ҷавоҳирот ва ғайра);

-хизматрасонии амалиёти ба боварӣ асосёфта (идоракунии маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок ва ғайра ба манфиати боварикунанда ва дар асоси супориши он);

-амалиёти кассавӣ: қабул намудан, аз нав ҳисоб кардан, иваз намудан, бастан ва нигоҳ доштани пулҳои коғазӣ ва тангаҳо;

-қабул намудан (инкассатсия) ва фиристодани пулҳои коғазӣ, тангаҳо ва ашёи қиматбаҳо.

**Иҷозатнома дар санаи "03" 01 соли 2020 ба Феҳристи иҷозатномаҳо дохил карда шуд.**

**Раис** **Ҷ. Нурмаҳмадзода**

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН · NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN

Таърихи додани иҷозатнома "03" 01 соли 2020